# ҲИСОБОТИ ТАҲЛИЛИ НИЗОМИ ҲИФЗИ ИҶТИМОИИ АҲОЛӢ ДАР СОЛИ 2025 ДАР МУҚОИСА БА СОЛИ 2024

# Мундарича


*1. Ҳисоботи мухтасар ........ 3*

*2. Муқаддима ........ 4*

*3. Сохтори институтсионалӣ ва сиёсӣ ........ 4*

*3.1. Сохтори низоми ҳифзи иҷтимоӣ дар Тоҷикистон ........ 4*

*3.2. Қонунҳо, стратегияҳо ва барномаҳои миллӣ ........ 5*

*4. Хизматрасониҳои иҷтимоӣ аз ҷониби сохторҳои ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ........ 6*

*4.1. Фоъолити Хадамоти давлатии экспертизаи тиббию иҷтимоӣ ........ 6*

*4.2. Фаъолият дар самти кумакпулии унвонии иҷтимоӣ ва кумакҳои яквақтаина ба шаҳрвандон ва оилаҳои камбизоат ........ 9*

*4.3. Фаъолият дар самти расонидани кумакпулии яквақтаинаи иҷтимоӣ ........ 12*

*4.4. Хизматрасонӣ аз ҷониби муассисаҳои ҳифзи иҷтимоӣ ........ 13*

*4.5. Фаъолият дар самти ташкили хизматрасониҳои иҷтимоӣ дар муассисаҳои будубоши доимии системаи Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ ........ 16*

*4.6. Фаъолият дар самти хизматрасонии ғайристатсионарӣ ........ 18*

*4.7. Хизматрасонии тиббию иҷтимоӣ аз ҷониби МД. «Пажӯҳишгоҳи экспертизаи тиббию иҷтимоӣ ва тавонбахшии маъюбон» ........ 21*

*4.8. Хизматрасонии санаторию-курортӣ ........ 21*

*4.9. Хизматрасонии воситаҳои техникию тавонбахшӣ ба маъюбон ........ 23*

*5. Хулоса ........ 30*

Ҷадвали 1. Хизматрасонии иҷтимоӣ аз ҷониби муассисаҳои ҳифзи иҷтимоӣ ..................... 13
Ҷадвали 2. Хизматрасони аз ҷониби марказу шуъбаҳои хизматрасонии иҷтимоӣ дар хона 18
Ҷадвали 3. Маркзҳои хизматрасонии иҷтимоии тариқи фармоиши иҷтимоии давлатӣ фаъолияткунанда............................................................................................................ 20
Ҷадвали 4. Хизматрасонии тиббию иҷтимоии Муассисаи давлатии «Пажӯҳишгоҳи экспертизаи тиббию иҷтимоӣ ва тавонбахшии маъюбон» ........................................... 21
Ҷадвали 5. Нишондодҳои истеҳсолӣ дар соли 2025 ................................................... 26
Ҷадвали 6. Фарқият нисбати соли 2024 ба соли 2025: ...........................................................

Намудори 1. Шумораи шахсони имконияташон маҳдуд дар миқёси вилоятҳо ва шаҳри Душанбе ................................................................................................................. 7
Намудори 2. Шумораи шахсони имконияташон маҳдуд аз рӯи гурӯҳи маъюби дар соли 2025 ............................................................................................................................ 8
Намудори 3. Нақшаи фарогири, таъинот ва фоизи иҷроиши кумакҳои унвонии иҷтомоӣ дар миқёси вилоятҳо ва ш. Душанбе ........................................................................ 10
Намудори 4. Нақшаи маблағгузорӣ, маблағи азхудшуда ва фоизи маблағи азхудшудаи кумакҳои унвонии иҷтомоӣ дар миқёси вилоятҳо ва ш. Душанбе ..........................................11
Намудори 5. Шумораи кӯдакони ба тавонбахшӣ фарогирифташуда дар соли 2024 ва 2025 ........................................................................................................................... 15
Намудори 6. Хизматрасони ба қурбониёни савдои одамон ва ҷабрдидагони зуровари дар оила дар 2024 - 2025............................................................................................... 16
Намудори 7. Шумораи бошандаго дар муассисаҳои будубошӣ доимӣ дар соли 2024 - 2025 ........................................................................................................................... 17
Намудори 8. Шумораи бошандагони муввақати дар марказҳои минтақавии хизматрасонии иҷтимоӣ ба пиронсолону маъюбон дар соли 2025................................................. 19

## 1. Ҳисоботи мухтасар

Дар соли 2025 низоми ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ зинаҳои асосии фаъолияти худро дар чор самт ба намоиш гузошт: (i) таҳкими заминаи институтсионалӣ ва меъёрӣ-ҳуқуқӣ; (ii) тавсеаи хизматрасониҳои экспертизавию тавонбахшӣ барои шахсони дорои маъюбият; (iii) татбиқи кумакҳои унвонии иҷтимоӣ ва пардохтҳои яквақтаина ба оилаҳои камбизоат; ва (iv) беҳсозии дастрасӣ ба хизматрасониҳои статсионарӣ, ғайри-статсионарӣ ва воситаҳои техникию протезию-ортопедӣ. Дар сатҳи институтсионалӣ, шабакаи ВТҲИАҶТ ва АДҲИА аз 231 зерсохтор, муассиса ва хадамот иборат буда, беш аз 4509 кормандро дарбар мегирад. Фаъолият бар пояи санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии давлатӣ, аз ҷумла Стратегияи рушди ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ то соли 2040 ва қарорҳои Ҳукумати ҶТ, ба роҳ монда шудааст.

Дар соҳаи маъюбият, Хадамоти давлатии экспертизаи тиббию иҷтимоӣ дар ба 35926 шаҳрванд хизмат расонд; ба 34284 нафар гурӯҳи маъюбӣ муайян ё такроран тасдиқ шуд. Нисбат ба ҳамин давраи соли 2024 афзоиш 1521 зиёд гардидааст. Афзоиш асосан аз ҳисоби зиёд шудани муроҷиатҳои аввалиндараҷаи калонсолон (+962) ба қайд гирифта шуда, муроҷиатҳои такрорӣ дар ин гурӯҳ коҳиш ёфтанд (–338). Дар гурӯҳи кӯдакон низ тамоюли монанд мушоҳида шуд (афзоиши аввалин +506, коҳиши такрорӣ +296). Дар маҷмӯъ, шумораи шахсони дорои маъюбият дар кишвар ба 172 538 нафар расид; аз онҳо 137157 нафар калонсолонанд (гурӯҳи I – 18422; гурӯҳи II – 85221 ; гурӯҳи III – 33514) ва 35381 нафар кӯдакон мебошанд.

Дар бахши кумакҳои унвонии иҷтимоӣ (КУИ) дар соли ҷорӣ 220 206 хонавода гирандаи кумак буд; иҷроиши нақшаи солона мутаносибан 13,5% аз нақшаи маблағгузорӣ ва тақрибан 97,2% аз нақшаи фарогирӣ ба ҳисоб мерасад. Барои соли 2025 маблағгузории механизми муайянкунӣ ва пардохти КУИ 273,2 млн сомонӣ пешбинӣ гардида, дар соли ҷорӣ 266 млн сомонӣ (97.4%) азхуд шудааст. Барои дастгирии гурӯҳҳои ҳассос пардохтҳои яквақтаинаи 600-сомонӣ ба 112 689 оилаи камбизоат дар ҳаҷми умумии 67,61 млн сомонӣ анҷом шуд; тақсимот дар тамоми вилоятҳо ва шаҳрҳои кишвар амалӣ гардида, ҳиссаи асосӣ ба вилояти Хатлон ва Суғд рост меояд.

Шабакаи хизматрасониҳои иҷтимоӣ фарогириро тавсеа дод: дар соли 2025 2 078 504 шаҳрванди ниёзманд аз шаклҳои гуногуни хизмат баҳра бурд, ки нисбат ба соли гузашта 968812 нафар бештар аст. Марказҳои рӯзона, шуъбаҳои хизматрасонии иҷтимоӣ дар хона (44 адад), марказҳои минтақавӣ (6 адад) ва муассисаҳои будубоши доимӣ (7 хона-интернат) ҳам барои пиронсолон ва маъюбон, ҳам барои кӯдакони дорои маъюбият хизмат расонданд. Маркази миллии тавонбахшии кӯдакони маъюб «Чорбоғ» фарогириро боло бурд (200 кӯдак зери нигоҳубин; шуъбаи рӯзона 454 кӯдак), Маркази байналмилалии тавонбахшӣ дар Балҷувон бо вуҷуди маҳдудиятҳои инфрасохторӣ фарогириро зиёд кард. Хизматрасонӣ ба қурбониёни савдои одамон ва ҷабрдидагони зӯроварӣ дар оила низ рушд намуда, шумораи муроҷиатҳо афзоиш ёфт.

Дар бахши воситаҳои техникию протезию-ортопедӣ, КД «Заводи протезию ортопедӣ» нақшаҳои истеҳсолиро 100% иҷро карда, ҳаҷми маҳсулотро 10,5 млн сомонӣ таъмин намуд. Ба маъюбон дар маҷмӯъ 12961 воҳид восита дода шуд (аз ҷумла 13993 воҳид протезию

ортопедӣ). Илова бар ин, хизматрасонии мобилии протезӣ ва истеҳсоли таҷҳизоти нави тавонбахшӣ роҳандозӣ гардид. Ин маҷмӯи нишондиҳандаҳо аз фаъол шудани механизмҳои ҳадафманд ва беҳтар шудани дастрасӣ ба хизматрасонӣ шаҳодат медиҳад, ҳарчанд дар самтҳои самаранокии тавонбахшии кӯдакон ва бартарафсозии маҳдудиятҳои инфрасохторӣ корҳо тақвият талаб мекунанд.

## 2. Муқаддима

Ин ҳисобот натиҷаҳои асосӣ ва тамоюлҳои калидии фаъолияти низоми ҳифзи иҷтимоии аҳолиро дар соли 2025 ҷамъбаст мекунад. Аз ду қисм иборат аст: якум, нишон додани пешрафтҳо дар фарогирӣ, дастрасӣ ва ҳадафмандии хизматрасониҳо барои гурӯҳҳои осебпазир (кӯдакон, маъюбон, пиронсолон, оилаҳои камбизоат, қурбониёни савдои одамон ва ҷабрдидагони зӯроварӣ); дуюм, пешниҳоди далелҳои муқоисавӣ нисбат ба ҳамин давраи соли 2024, то самаранокӣ ва зарфияти амалии сохторҳоро бо далелҳо баҳогузорӣ намоем.

Ҳисобот ба чор манбаи асосии маълумот такя мекунад: (1) омор ва қайдҳои маъмурии зерсохторҳои ВТҲИАҶТ ва АДҲИА; (2) маълумоти ХДЭТИ оид ба ташхиси гурӯҳҳои маъюбият; (3) сабтҳои пардохтҳо ва фарогирӣ дар доираи механизми КУИ ва пардохтҳои яквақтаина; ва (4) нишондиҳандаҳои истеҳсолӣ ва хизматрасонии КД «Заводи протезию ортопедӣ», инчунин муассисаҳои тавонбахшӣ (Чорбоғ, Балҷувон, Донишкада). Натиҷаҳо дар шакли матн, ҷадвал ва намудор пешниҳод мешаванд; истинодҳои дохилматнӣ (масалан, ниг. ба Намудори 1–8; Ҷадвали 1–6) барои роҳати хонанда истифода гардидаанд.

Маҳдудиятҳои зикршуда аз ҷумлаи зеринанд: маҳдудиятҳои инфрасохторӣ дар баъзе муассисаҳо (масалан, Балҷувон), фарқияти сифати сабтҳои маъмурӣ байни минтақаҳо, ва зарурати таҳкими нишондиҳандаҳои натиҷавӣ (outcome) дар баробари нишондиҳандаҳои бароришавӣ (output), бахусус дар тавонбахшии кӯдакон. Бо дарназардошти ин, ҳисобот ҳам пешрафтҳоро ба расмият меорад ва ҳам нуктаҳои такмилро равшан мекунад, то ба таҳким бахшидани сиёсати далеласос ва тақвияти идоракунии натиҷагаро мусоидат намояд.

## 3. Сохтори институтсионалӣ ва сиёсӣ

### *3.1. Сохтори низоми ҳифзи иҷтимоӣ дар Тоҷикистон*

Дар низоми ҳифзи иҷтиоми аҳолӣ дар умум 231 зерсохторҳо, ташкилоту муассисаҳо ва хадамоти иҷтимоӣ фаъолият доранд. Дар онҳо зиёда аз 4509 нафар корманд фаъолият мекунанд. Аз ин шумора -319 нафар хизматчиёни давлатӣ, 753 нафар кормандони маъмурӣ, 1337 нафар кормандони иҷтимоӣ, 590 нафар кормандони техникӣ, 553 нафар кормандони тариқи шартнома фаъолиятдошта, 957 нафар дигар категорияҳо мебошанд. Аз шумораи умумии кормандон 2501 нафарро мардҳо ва 1507 нафарро занҳо ташкил дода, 1420 нафар дорои маълумоти олӣ, 23 нафар олии нопурра, 1250 нафар маълумоти миёнаи касбӣ ва 1315 нафар маълумоти миёнаи умумӣ мебошанд.

Сохторҳои зерини низоми ҳифзи иҷтимоии аҳоли Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон (ВТҲИАҶТ) ба оилаҳои камбизоат, бепарасторон,

шахсони имконияташон маҳдуд, ятимон ва шахсони дар ҳолати душвори зиндаги қарордошта хизматрасонии иҷтимоӣ мерасонанд:

- 28 шӯъба ва бахшҳои Хадамоти давлатии экспертизаи тиббию иҷтимоӣ (ХДЭТИ).
- Як Агентии давлатии ҳифзи иҷтомоии аҳолӣ (АДҲИА)
    - 11 муассисаҳои хизматрасонии иҷтимоӣ, аз ҷумла:
        - ҳафта муассисаҳои будубоши доимӣ (хона-интернатҳо);
        - чор осоҳишгоҳҳо;
    - 57 марказҳои тавонбахшии будубоши рузона, ки дар доираи фармоиши иҷтимоии давлатӣ фаъолият кунанда;
    - панҷ маркази минтақавии барои кӯмакҳои уновнӣ иҷтимоӣ;
- як Муассисаи давлатии таълимии “Донишкадаи такмили ихтисоси кормандони низоми ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ”;
- як Пажуҳишгоҳи экспертизаи тиббию иҷтимоӣ ва тавонбахшии маъюбон;
- як Корхонаи давлатии “Заводи протезию ортопедӣ”-и дар шаҳри Душанбе бо филиалҳояш дар шаҳрҳои Кӯлоб, Хоруғ ва Хуҷанд;
- ду маркази миллӣ ва байналмилалии тавонбахшии маъюбон;
- як Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии хизматрасонии иҷтимоӣ ба қурбониёни савдои одамон ва ҷабрдидагони зӯроварӣ дар оила»,
- як Муассисаи давлатии “Маркази иттилоотию таҳлилии низоми ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ”;
- 44 марказҳо (шуъбаҳо)-и хизматрасонии иҷтимоӣ дар хонаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ;
- шаш марказҳои минтақавии хизматрасонии иҷтимоӣ барои пиронсолон ва маъюбон дар назди мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ;
- 72 шӯъба ва бахшҳои ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар назди мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои Ҷумҳурӣ.

### *3.2. Қонунҳо, стратегияҳо ва барномаҳои миллӣ*

Хизматрасониҳои иҷтимоии ВТҲИАҶТ дар асоси санадҳои меъёрию ҳуқуқии зерин ба роҳ монда шудаанд:

- Стратегияи рушди ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 ноябри соли 2022, №577 тасдиқ шудааст;
- Консепсияву барномаҳои давлатии марбут ба ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ;
- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон”.
- Барномаи маҷмуии давлатии тайёр намудани кадрҳои низоми ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ барои давраи то соли 2030;
- Барномаи тавонбахшӣ ва ҳамгироии иҷтимоии ноболиғони дар муассисаҳои маҳрум сохтан аз озодӣ ё маҳдуд кардани озодӣ адои ҷазонамуда барои солҳои 2020-2024;

- Қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 августи соли 2024, №488 «Дар бораи Тартиби таъин намудани кумакпулии унвонии иҷтимоӣ, муайян намудани андозаи он ва шаҳрвандон (оилаҳо)-и камбизоат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»

**Шумора ва фоизи маъюбон нисбат ба аҳолӣ дар кишварҳои Россия, Эрон, Қазоқистон, Қирғизистон, Ӯзбекистон ва Тоҷикистон дар соли 2025:**




# 4. Хизматрасониҳои иҷтимоӣ аз ҷониби сохторҳои ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ

## *4.1. Фоъолити Хадамоти давлатии экспертизаи тиббию иҷтимоӣ*

Дар соли 2025 фаъолияти Хадамоти давлатии экспертизаи тиббию иҷтимоӣ тамоюлҳои муҳимеро дар соҳаи маъюбият инъикос намуд. Дар маҷмӯъ, 35486 нафар шаҳрвандон барои муқаррар намудани гурӯҳи маъюбӣ муроҷиат карданд ва ба 34274 нафар гурӯҳи маъюбӣ дода шуд ё такроран тасдиқ гардид. Нисбат ба ҳамин давраи соли 2024 ин рақам 1071 ҳолат зиёд мебошад. Афзоиши мазкур асосан бо зиёдшавии муроҷиатҳои аввалиндараҷа аз ҳисоби калонсолон (+962 нафар) вобаста аст, дар ҳоле ки шумораи муроҷиатҳои такрорӣ миёни онҳо коҳиш ёфт (–338 нафар). Дар гурӯҳи кӯдакон низ чунин раванд мушоҳида мешавад: муроҷиати аввалин 164 ҳолат афзуда, аммо такрорӣ 257 ҳолат зиёд шудааст.

## Шумораи маъюбон дар ҷумҳурӣ дар солҳои 2021-2025

| | 2021 | | 2022 | | 2023 | | 2024 | | 2025 | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҷумҳурӣ | **157933** (1,60%) | | **159 646** (1,57%) | | **162027** (1,57%) | | **167108** (1,57%) | | **172361** (1,60%) | |
| | калон | **кӯдакон** | калон | **кӯдакон** | калон | **кӯдакон** | калон | **кӯдакон** | калон | **кӯдакон** |
| | 126132 | **31801** | 127449 | **32197** | 129082 | **32945** | 133074 | **34034** | 137157 | **35381** |
| Душанбе | 12091 | 2872 | 13630 | 3535 | 13869 | 3599 | 14135 | 3685 | 14357 | 3691 |
| ШНТҶ | 21105 | 7497 | 23772 | 7021 | 24259 | 7268 | 24750 | 7579 | 25705 | 8085 |
| В.Хатлон | 43857 | 12398 | 45020 | 12565 | 45354 | 12902 | 46721 | 13335 | 48444 | 14007 |
| ВМКБ | 5877 | 869 | 5929 | 864 | 5936 | 876 | 6079 | 898 | 6176 | 933 |
| в. Суғд | 39202 | 8165 | 9098 | 8182 | 39664 | 8300 | 41389 | 8537 | 42475 | 8665 |

Аз шумораи умумии муроҷиатҳо, 9011 калонсол ва 4673 кӯдак нахустин маротиба маъюби муқарар карда шудааст. Таҳлил нишон медиҳад, ки дар байни кӯдакон аз ҳама осебпазир синни 1–9 сола мебошад, ки ин гурӯҳи синну солӣ 31,7%-ро ташкил медиҳад. Ин ҳолат ба зиёдшавии ташхиси барвақт ва ё эҳтимолан афзоиши бемориҳои модарзодӣ ва ирсӣ дар ин синну сол ишора мекунад.

**Намудори 1. Шумораи шахсони имконияташон маҳдуд дар миқёси вилоятҳо ва шаҳри Душанбе**




Дар маҷмӯъ, шумораи шахсони имконияташон маҳдуд дар соли 2025 ба 172 538 нафар расид (ниг. ба Намудори 1). Аз ҷумла, 137 157 нафарро калонсолон ташкил медиҳанд аз инҳо, гурӯҳи якум 18 422 афар, гурӯҳи дуюм 85221 нафар, гурӯҳи сеюм 33514 нафар ва кӯдакони то синни 18 сола 35381 нафарро ташкил медиҳанд (ниг. ба Намудори 2)

**Намудори 2. Шумораи шахсони имконияташон маҳдуд аз рӯи гурӯҳи маъюби дар соли 2025**




Бо вуҷуди ин, бояд қайд кард, ки шумораи муайяни шахсон аз рӯйхати маъюбият хориҷ карда шудаанд (8431 нафар), ки метавонад ба беҳтаршавии саломатӣ, фавт ё ташхиси дубора вобаста бошад. Танҳо дар соли 2025, 3628 ҳолати фавт, аз ҷумла 249 нафарашонро кӯдакони то синни 18 соларо ташкил медиҳанд.

## Таҳлили мурочиати шаҳрвандон, ки барои муққаррар ва тасдиқ намудани маъюбӣ

| № | Номгуй | Соли 2021 | Соли 2022 | Соли 2023 | Соли 2024 | Соли 2025 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | Шумораи умумии маъюбон | 157933 | 159646 | 162027 | 167108 | 172538 |
| | Шумораи кӯдакон | 31801 | 32197 | 32945 | 34034 | 35381 |
| 1 | Мурочиат барои мақаррар намудани гурӯҳи маъюбӣ | 42044 | 36966 | 34787 | 31590 | 35936 |
| 2 | Тасдиқ намудани гурӯҳи маъюбӣ | 39796 | 35418 | 33546 | 30355 | 34284 |
| 3 | Нахуст мурочиат | 13863 8,7% | 12472 7,8% | 11448 7% | 11456 6,8% | 13684 7,9% |
| | Нахуст мурочиати кӯдакон | 4717 14,8% | 4209 13% | 3724 11,3% | 4064 11,9% | 4673 13,2% |

## Шумораи фавти маъюбон солҳои 2021-2025

| Шумораи маъюбон | Соли 2021 | | Соли 2022 | | Соли 2023 | | Соли 2024 | | Соли 2025 | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 157933 | | 159646 | | 162027 | | 167108 | | 172538 | |
| | 126132 | 31801 | 127449 | 32197 | 129082 | 32945 | 133074 | 34034 | 137157 | 35381 |
| Шумораи фавт | калон | кудак | калон | кудак | калон | кудак | калон | кудак | калон | кудак |
| | 2261 1,4% | | 2966 1,8% | | 2138 1,3% | | 2136 1,2% | | 3628 2,1% | |
| | 2261 | | 2675 2% | 291 0,9% | 1917 1,4% | 221 0,6% | 1888 1,4% | 248 0,7% | 3379 2,4% | 249 0,7% |

### *4.2. Фаъолият дар самти кумакпулии унвонии иҷтимоӣ ва кумакҳои яквақтаина ба шаҳрвандон ва оилаҳои камбизоат*

Тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 августи соли 2024, №488 «Дар бораи Тартиби таъин намудани кумакпулии унвонии иҷтимоӣ, муайян намудани андозаи он ва шаҳрвандон (оилаҳо)-и камбизоат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар сатҳи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот 167 нафар нозир-коргузор, дар назди шуъбаҳои вилоятӣ ва бахшҳои ҳифзи иҷтимоии аҳолии 68 шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ 144 нозир-коргузор, дар Марказҳои минтақавии ҳамоҳангсозии Агентӣ дар шаҳрҳои Душанбе, Хоруғ, Хуҷанд, Кӯлоб ва ноҳияи Рашт 27 нафар корманд ба кор таъин гардида, фаъолият намуда истодаанд.

Нақшаи фарогирии оилаҳои камбизоат барои соли 2025 ҳамагӣ 222 903 оила буда, ба ҳолати 22 декабри соли 2025, муроҷиати 219 529 оила дар сатҳи 68 шаҳру ноҳияи ҷумҳурӣ қабул гардида, аз ин шумора 215 631 парванда ба системаи иттилотии кумакҳои увонии иҷтимоӣ (АСИСТ) ворид карда шудааст дар маҷму 210 011 оила эътироф шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2024 муроҷиат 199 919 оила дар сатҳи 68 шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ қабул гардида, ки 19610 нафар зиёд муроҷиат кардааст. Дар натиҷа, шумораи умумии гирандагони кумакпулии унвонии иҷтимоӣ дар ин давра дар сатҳи ҷумҳурӣ 220 206 оила (хонавода), баробар ба иҷрои 13,5% иҷроиши нақшаи болозикр ё 98,8% нақшаи фарогирии солона мебошад (ниг. Намудори 3).

**Намудори 3. Нақшаи фарогири, таъинот ва фоизи иҷроиши кумакҳои унвонии иҷтомоӣ дар микёси вилоятҳо ва ш. Душанбе**




Нақшаи маблағгузори дар соли 2025 барои механизми муайян кардани оилаҳои камбизоат ва пардохти кумакпулии унвонии иҷтимоӣ ба оилаҳо ва шаҳрвандони камбизоат бо дарназардошти хароҷоти маъмурӣ ва хизматрасонии бонкӣ дар умум 273 167 886 сомонӣ буда, аз ин маблағ 263 930 325 сомонӣ барои пардохти кумакпулиии унвонии иҷтимоӣ ба оилаҳои камбизоат пешбинӣ гардидааст. Маблағи азхудшуда дар соли 2025 225 238 503 сомониро ташкил медиҳад, ки 85,3% иҷрои нақшаи солонаро дод (ниг. ба Намудори 4).

**Намудори 4. Нақшаи маблағгузорӣ, маблағи азхудшуда ва фоизи маблағи азхудшудаи кумакҳои унвонии иҷтомоӣ дар миқёси вилоятҳо ва ш. Душанбе**






**Нақшаи фарогири ва маблағгузории кумакҳои унвонии иҷтимоӣ барои шаҳрвандон ва оилаҳои камбизоат дар солҳои 2020 ва 2025 дар сатҳи ҷумҳурӣ**

| № | Сол | Нақшаи фарогири оилаҳои камбизоат | Ичроиши нақшаи фарогири оилаҳои камбизоат | Фоиз | Маблағи ҷудошуда | Иҷроиши маблағи азхудшуда | Фоиз |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 2020 | 215538 | 215538 | 100 | 86,2 млн | 72,4 млн | 83,9 |
| 2 | 2021 | 238972 | 187650 | 78,5 | 110 млн | 89,9 млн | 81,7 |
| 3 | 2022 | 218357 | 224542 | 102,8 | 116,2 млн | 111,2млн | 95,6 |
| 4 | 2023 | 218604 | 229748 | 105 | 154,2млн | 132,4млн | 85,8 |
| 5 | 2024 | 234313 | 195341 | 83,3 | 234,2 млн | 189 млн | 80,7 |
| 6 | 2025 | 222903 | 220206 | 98,7 | 263,9 млн | 225,2млн | 85,3 |

### *4.3.Фаъолият дар самти расонидани кумакпулии яквақтаинаи иҷтимоӣ*

Дар доираи амалишавии Созишномаи молиявӣ байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ассотсиатсияи Байналмилалии Рушд аз 30 июни соли 2023 ва “Дастурамал дар бораи таъин ва пардохти кумаки яквақтаи иҷтимоӣ ба гуруҳҳои осебпазири аҳолӣ” корҳои дахлдор анҷом дода шуда, чунин маълумот манзур карда мешавад.

Вобаста ба расонидани кумакпулии яквақтаина ба оилаҳои камбизоат ба чунин гуруҳҳои осебпазири аҳолӣ кумакпулии яквақтаина дар ҳаҷми 600,00 сомонӣ таъин ва пардохт карда шудааст:

1) оилаҳои камбизоат, ки дар ҳайати худ 3 нафар ё зиёда аз он кӯдакони то синни 16-сола доранд;
2) оилаҳои камбизоат, ки дар ҳайати худ 2 ва ё зиёда нафар шахсони маъюб доранд;
3) оилаҳои камбизоат, ки дар ҳайати худ шахсони пиронсоли синни аз 65 сола боло доранд.

Тибқи феҳристи тасдиқшудаи гирандагони кумакпулии яквақтаи иҷтимоӣ дар сатҳи 68 шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ маблағгузорӣ барои 112689 оилаи камбизоат дар ҳаҷми 67 613 400,00 сомонӣ пардохт гардидааст, ки аз ин:

- дар ноҳияҳои шаҳри Душанбе (ноҳияҳои Шоҳмансур, Сино, Исмоили Сомонӣ ва Фирдавсӣ) ба 7337 оила маблағ дар ҳаҷми 4 402 200,00 сомонӣ;
- дар шаҳру ноҳияҳои ВМКБ ба 3945 оила маблағ дар ҳаҷми 2 367 000 сомонӣ;
- дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд ба 27036 оила маблағ дар ҳаҷми 16 221 600 сомонӣ;
- дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон ба 52716 оила маблағ дар ҳаҷми 31 629 600 сомонӣ;
- дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 21655 оила маблағ дар ҳаҷми 12 993 000 сомониро ташкил медиҳанд.

### *1.1. Хизматрасонӣ аз ҷониби муассисаҳои ҳифзи иҷтимоӣ*

Дар соли 2025 хизматрасониҳои иҷтимоӣ ва тавонбахшӣ ба кӯдакони дорои маъюбият ва гурӯҳҳои осебпазир тамоюлҳои муҳимро нишон доданд. Дар ин соли 2025 ба 2 078 504 шаҳрвандон хизматрасониҳои гуногуни иҷтимоӣ расонида шуданд, ки ин нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 968812 нафар зиёд мебошад (ниг. ба Ҷадвали 1).

**Ҷадвали 1. Хизматрасонии иҷтимоӣ аз ҷониби муассисаҳои ҳифзи иҷтимоӣ**

| № | Номгуй | | дар соли 2024 | кӯдакон | дар соли 2025 | кӯдакон | Фарқият |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Хона – интернатҳо (7 адад) | | 1305 | 75 | 1343 | 95 | +8 |
| **2** | Осоишгоҳу истироҳатгоҳҳо (4 адад) | | 3575 | | 3608 | | 33 |
| **3** | Марказҳои минтақавии хизматрасонии иҷтимоӣ барои пиронсолон ва маъюбон 6 адад) | | 999 | 60 | 1085 | 74 | 86 |
| **4** | Марказу шуъбаҳои хизматрасонии иҷтимоии дар хона (44 адад) | | 5364 | 881 | 5573 | 945 | 209 |
| **5** | Ташкилотҳои ҷамъиятии тибқи фармоиши иҷтимоии давлатӣ фаолиятдошта (57 адад) | | 8239 | 7103 | 6401 | 5443 | -1838 |
| 2 | Тавассути Хадамоти давлатии экспертизаи тиббию иҷтимоӣ | | 167108 | 34034 | 172538 | 35381 | 5430 |
| 3 | МД “Пажуҳишгоҳи экспертизаи тиббию иҷтимоӣ ва тавонбахшии маъюбон” | клиники | 2709 | 928 | 2663 | 857 | -42 |
| | | Такмили ихтисос | 116 | | 153 | | 37 |
| 4 | Кд “Заводи протезию ортопедӣ” | | 15038 | 2076 | 12961 | 2249 | -2077 |
| 5 | Тавассути низоми КУИ ба оилаҳои камбизоат | | 195 341 | | 220206 | | 24865 |
| | Оилаҳои камбизоати дорои кӯдакони то синни 16- сола | | 702939 | 702939 | 1 627740 | 1 627740 | 924801 |
| | Оилаҳои камбизоати дорои ду ва зиёда маъюб | | | | 11288 | | 11288 |
| | Оилаҳои камбизоати дорои шахсони аз 80 - сола боло | | | | 1414 | | 1414 |
| 6 | Тавассути татбиқи имтиёзҳо | | 2068 | 787 | 6023 | 761 | 3955 |
| 7 | Занону кӯдакони аз минтақаи амалиётҳои ҷангӣ баргардондашуда | | 381 | 291 | 381 | 291 | |
| 8 | “Маркази миллии тавонбахшии кӯдакони маъюб “Чорбоғ” дар ноҳияи Варзоб | | 1142 | 667 | 1108 | 654 | -34 |
| 9 | МД. “Маркази байналмилалии тавонбахшии кӯдакони маъюб дар ноҳияи Балҷувон | | 220 | 110 | 252 | 126 | +32 |
| 10 | МДТ “Донишкадаи такмили ихтисоси кормандони низоми ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ | Такмили ихтисос | 420 | | 455 | | +35 |
| | | тавонбахшӣ | 220 | 220 | 212 | 212 | -8 |

| | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 11 | МД “Маркази ҷумҳуриявӣ хизматрасонии иҷтимоӣ б қурбониёни савдои одамо ва ҷабрдидагони зуровар дар оила | Қурбонии савдои одамон | 142 | 52 | 6 | 291 | 164 | 19 | +112 |
| | | Ҷабрдидагони зуровари дар оил | | 90 | 43 | | 127 | 69 | +47 |
| 12 | МД “Маркази иттилооти таҳлилии низоми ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ” | Курси омузишии компютерӣ | | | | 175 | | | 175 |
| 12 | Қабули муроҷиатҳои шифоҳӣ | | 2366 | | | 2809 | | | 443 |
| | **Ҷамъ:** | | **1 109 692** | | **750220** | **2 078 504** | | **1 674 983** | **+968812** |

Дар **Маркази миллии тавонбахшии кӯдакони маъюб** (Чорбоғ) дар соли 2025, ҳамагӣ **200 кӯдак** таҳти нигоҳубини давлат қарор доштанд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2024 (192)-8 нафар зиёд мебошад. Аз ин шумора, **62 духтар** ва **138 писар** буда, **87 нафар** дар шуъбаҳои бистарӣ ҷойгир шудаанд. Илова бар ин, шумораи кӯдакони ятим **21 нафар** ва нимятимон **24 нафар**-ро ташкил медиҳад.

Натиҷаҳои ҷараёни дохилшавӣ ва хориҷшавӣ низ тамоюлҳои муайян доранд: дар соли 2025 **34 кӯдак** қабул ва 7 **нафар** ба муҳити оила баргардонида шудаанд. Дар ин муддат **3 кӯдак фавтид** ва **20 нафар кӯдакони аз 18 сола боло шуда** ба муассисаи дигар (хона-интернати 11 нафар Ёвон, 6 нафар Восеъ, 2 нафар Ҷ. Расулов ва 1 нафар Турсунзода) интиқол дода шудаанд. Ин нишон медиҳад, ки ҷараёни гардиш миёни муассиса ва муҳити оила ҳанӯз маҳдуд аст.

Шуъбаи рӯзонаи Чорбоғ бо фарогирии **30 кӯдак** ва модаронашон фаъолият намуда, дар 16 бахши пурра анҷом ёфтааст. Дар маҷмӯъ, 454 **кӯдак** фаро гирифта шудааст, ки нисбат ба соли гузашта 21 нафар кам мебошад. Аммо сатҳи беҳбудӣ дар натиҷаи тавонбахшӣ коҳиш ёфтааст: агар соли 2024 беҳбудӣ дар **241 кӯдак** ба қайд гирифта шуда бошад, дар соли 2025 ин рақам то 277 нисбат ба ҳамин давраи соли ҷорӣ 36 зиёд мебошад.

Дар баробари ин, шуъбаи таҷрибавии тавонбахшии **Донишкадаи такмили ихтисоси кормандони низоми ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ** ба **212 кӯдак** хизмат расонид, ки нисбат ба соли 2024 -8 **нафар кам** мебошад. Аз онҳо **112 кӯдак (52,8%)** нахустин маротиба муроҷиат кардаанд. Ҷолиб он аст, ки шумораи муроҷиатҳои нав нисбат ба соли гузашта зиёд шудааст, ки метавонад ба беҳбуди фарогирии қаблӣ ва ё тағйири роҳҳои муроҷиат ишора кунад.

Маркази байналмилалии тавонбахшӣ дар ноҳияи Балҷувон низ фаъолият кардааст. Дар соли 2025 он тавонист **126 кӯдак** бо модаронашонро фаро гирад, ки нисбат ба соли гузашта **32 нафар бештар** мебошад. Аммо мушкилоти инфрасохторӣ (нотамомии сохтмон, набудани роҳи мошингард) фаъолияти онро маҳдуд месозад ва он танҳо ба таври маркази маҳаллӣ амал мекунад (ниг. ба

**Намудори 5. Шумораи кӯдакони ба тавонбахшӣ фарогирифташуда дар соли 2024 ва 2025**




Шуъбаи хизматрасонӣ ба қурбониёни савдои одамон: **164 нафар** фаро гирифта шудаанд (баробар ба афзоиши 112 **нафар** нисбат ба соли 2024 зиёд мебошад). Аз онҳо **126 мард, 19 зан, 7 писар ва 12 духтар** мебошанд. Айни замон, 5 **нафар** муваққатан ҷойгир ва 122 **нафар** дар ҳамкорӣ бо мақомоти давлатӣ роҳнамоӣ шудаанд.

Шуъбаи хизматрасонӣ ба ҷабрдидагони зӯроварӣ дар оила: **127 нафар** фаро гирифта шудаанд (нисбат ба соли 2024 -37 **нафар бештар аст**). Аз онҳо 58 калонсол ва 69 кӯдак (32 духтар, 35 писар) мебошанд (ниг. ба

**Намудори 6. Хизматрасони ба қурбониёни савдои одамон ва ҷабрдидагони зуровари дар оила дар соли 2024 – 2025**




### *1.2. Фаъолият дар самти ташкили хизматрасониҳои иҷтимоӣ дар муассисаҳои будубоши доимии системаи Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ*

Айни замон низоми Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ шабакаи васеи муассисаҳои хизматрасониро фаро мегирад: 7 хона-интернат, 3 истироҳатгоҳ, 1 осоишгоҳ, 44 марказу шуъбаҳои хизматрасонии иҷтимоӣ дар хона, 6 маркази минтақавӣ, ва ҳамзамон 57 маркази тавонбахшии рӯзона, ки аз ҷониби ташкилотҳои ҷамъиятӣ дар доираи фармоишҳои иҷтимоии давлатӣ фаъолият мекунанд. Ин сохтор нишон медиҳад, ки низоми хизматрасонӣ шаклҳои гуногунро фаро гирифта, кӯшиш мекунад эҳтиёҷоти гурӯҳҳои осебпазирро ҳам дар шакли нигаҳубини доимӣ ва ҳам дар сатҳи рӯзона таъмин кунад.

Дар соли 2025 дар муассисаҳои будубоши доимӣ 1343 нафар бошанда қарор доштанд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2024, 38 нафар зиёд мебошад (ниг. ба Намудори 7). Аз онҳо 736 мард, 512 зан ва 95 кӯдаки маъюб, ҳамчунин 250 пиронсол ва 988 нафар бо бемориҳои рӯҳӣ мебошанд. Аз шумораи умумӣ, 988 нафар маъюбон мебошанд, ки аз рӯи гурӯҳ чунин тақсим мешаванд: гурӯҳи I – 302 нафар, гурӯҳи II – 676 нафар, гурӯҳи III – 15 нафар. Дар соли 2025, ба ин муассисаҳо 147 нафар нав қабул гардида, 41 нафар ба муҳити оила баргашта ва 40 нафар фавтиданд.

**Намудори 7. Шумораи бошандаго дар муассисаҳои будубошӣ доимӣ дар соли 2024 – 2025**




Дар ҳамин давра, 8 ятим, 34 нимятим ва 52 кӯдак аз оилаҳои камбизоат дар таъминоти давлатӣ қарор доштанд. Ин нишон медиҳад, ки муассисаҳо на танҳо хизматрасонии тиббӣ ва иҷтимоӣ, балки нақши муҳофизатии иҷтимоиро низ иҷро мекунанд.

Нақшаи фарогирии ва ҷойгиркунони бошандагон дар муассисаҳои низоми ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар солҳои 2021-2025

| N | Номгуи муассисаҳо | | 2021 | | 2022 | | 2023 | | 2024 | | 2025 | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Шумораи катҳо дар муассисаҳо | Шумораи бошандагон | Шумораи катҳои холи | Шумораи бошандагон | Шумораи катҳои холи | Шумораи бошандагон | Шумораи катҳои холи | Шумораи бошандагон | Шумораи катҳои холи | Шумораи бошандагон | Шумораи катҳои холи |
| 1 | МД «Хона-интернати пиронсолон ва маъюбони ноҳияи Ёвон» | 140 | **120** | -20 | **115** | -25 | **118** | -22 | **131** | -9 | **139** | -1 |
| 2 | МД «Хона-интернати ҷумҳуриявии пиронсолон ва маъюбон дар шаҳри Панҷакент" | 100 | **69** | -31 | **67** | -33 | **87** | -13 | **87** | -13 | **79** | -21 |

| | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 3 | МД «Хона-интернати пиронсолон ва маъюбони шаҳри Турсунзода» | 230 | **171** | -59 | **174** | -56 | **185** | -45 | **210** | -20 | **208** | -22 |
| 4 | Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии будубоши доимии маъюбони дорои бемориҳои руҳӣ дар н. Кушониён» | 100 | **59** | -16 | **54** | -46 | **90** | -10 | **101** | +1 | **105** | +5 |
| 5 | МД«Хона-интернати беморони руҳии шаҳри Ҳисор» | 240 | **244** | +4 | **245** | +5 | **240** | | **245** | +5 | **247** | +7 |
| 6 | МД«Хона-интернати беморони руҳии ноҳияи Восеъ» | 220 | **226** | +6 | **223** | +3 | **228** | +8 | **217** | -3 | **222** | +2 |
| 7 | МД «Хона-интернати беморони руҳӣ дар ноҳияи Ҷаббор Расулов" | 325 | **315** | -10 | **321** | -4 | **318** | -7 | **314** | -11 | **333** | +8 |
| | | 1355 | **1204** | -151 | **1199** | -156 | **1266** | -89 | **1305** | -50 | **1343** | -12 |

### *1.3. Фаъолият дар самти хизматрасонии ғайристатсионарӣ*

Дар соли 2025 44 шуъба ва марказҳои хизматрасонии иҷтимоӣ дар назди мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимият ба шаҳрвандоне, ки дар ҳолати душвори зиндагӣ қарор доранд, хизмат расониданд. Дар ин марказҳо 815 корманд фаъолият мебаранд, ки аксариятро -659 нафар зан ва танҳо 156 нафар мард ташкил медиҳанд. Шумораи истифодабарандагон ба 5573 нафар расид, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2024 209 нафар зиёд мебошад. Аз онҳо 4628 нафар (аз ҷумла 3143 зан ва 1485 мард) пиронсолону маъюбон буда, 945 нафар (405 писар ва 540 духтар) кӯдакони имконияташон маҳдуд мебошанд. Ин нишон медиҳад, ки хизматрасониҳои иҷтимоӣ бештар ба гурӯҳҳои калонсол ва маъюб равона шудаанд, дар ҳоле ки ҳиссаи кӯдакон ҳанӯз ҳам нисбатан камтар аст.

**Ҷадвали 2. Хизматрасони аз ҷониби марказу шуъбаҳои хизматрасонии иҷтимоӣ дар хона**

| **Номгӯйи воҳид ҳои маъмурӣ** | **Миқ дори шӯъб аҳо** | **Шумораи гирандагони хизматҳо (нафар)** | | | **Аз ҷумла, кӯдакон** | | | **Шумораи корман дон (нафар)** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Дар соли 2024 | Дар соли 2025 | **Фар қият** | Дар соли 2024 | Дар соли 2025 | **Фар қият** | |
| *Душанбе* | 4 | 1071 | 1045 | -26 | 142 | 161 | 19 | 109 |
| *ВМКБ* | 8 | 560 | 531 | -31 | 85 | 80 | -5 | 81 |
| *Суғд* | 12 | 1303 | 1488 | 185 | 256 | 292 | 36 | 229 |
| *Хатлон* | 16 | 1873 | 1824 | -49 | 227 | 246 | 19 | 331 |
| *НТҶ* | 4 | 647 | 685 | 38 | 186 | 166 | -20 | 65 |
| **Ҷамъ:** | **44** | **5453** | **5573** | **120** | **896** | **945** | **49** | **815** |

Дар баробари ин, дар шаш шаҳру ноҳияи ҷумҳурӣ Марказҳои минтақавии хизматрасонии иҷтимоӣ амал мекунанд. Дар он ҷо 243 корманд фаъолият дошта, дар соли 2025 ба 1085 нафар хизмат расонидаанд, ки нисбат ба соли гузашта 86 нафар зиёд мебошад. Аз шумораи умумӣ 1011 нафар пиронсолону маъюбон ва 74 кӯдакони имконияташон маҳдуд фаро гирифта шудаанд (ниг. ба Намудори 8). Ҳамзамон, 109 нафар муваққатан дар муассисаҳо зиндагӣ мекунанд, 19 нафар ба муҳити оила баргардонида ва 5 нафар фавтидаанд. Ин нишон медиҳад, ки марказҳо на танҳо хизмат мерасонанд, балки ҳамчунин вазифаи ҷойгиркунии муваққатиро иҷро мекунанд, ки аҳамияти онҳо барои гурӯҳҳои осебпазирро боз ҳам зиёдтар менамояд.

**Намудори 8. Шумораи бошандагони муввақати дар марказҳои минтақавии хизматрасонии иҷтимоӣ ба пиронсолону маъюбон дар соли 2025**




Дар соли 2025, тибқи шартнома бо Агентӣ, 57 маркази тавонбахшӣ аз ҷониби ташкилотҳои ҷамъиятӣ таъсис ёфтааст. Онҳо ба 6401 нафар хизмат расонидаанд, ки нисбат ба соли гузашта 1575 нафар камтар аст. Аз ин шумора 5443 кӯдакони имконияташон махдуд, 258 пиронсолону маъюб, 287 қурбониёни савдои одамон, ҷабрдидагони зӯроварӣ ва муҳоҷирон, 98 нафар бо нигоҳубини паллиативӣ ва 315 нафар бо бемориҳои ВНМО ва сил фаро гирифта шудаанд. Ин нишон медиҳад, ки бо вуҷуди таъсиси марказҳои зиёд, сатҳи фарогирии умумӣ кам шудааст (ниг. ба Ҷадвали 3). Сабаб метавонад маҳдудияти иқтидор, дастрасӣ ё самаранокии корбарӣ бошад.

**Ҷадвали 3. Маркзҳои хизматрасонии иҷтимоии тариқи фармоиши иҷтимоии давлатӣ фаъолияткунанда**

| Самти фаъолияти марказҳо | Шумора дар шаҳру ноҳияҳо | Шумораи истифода барандагони хизматҳо (нафар) | | | Шумораи корман дони иҷтимоӣ (нафар) |
|---|---|---|---|---|---|
| | | Дар соли 2024 | Дар соли 2025 | Фар қият | |
| Хизматрасонии иҷтимоӣ барои кӯдакони маъюб | 32 | 5002 | 3824 | -1178 | 463 |
| Хизматрасонии иҷтимоӣ ба кӯдакони маъюб ва шахсони дар ҳолати душвори зиндагӣ қарордошта | 15 | 2101 | 1619 | -482 | 183 |
| Марказҳои хизматрасонии иҷтимоӣ ба пиронсолон | 4 | 233 | 258 | +25 | 40 |
| Хизматрасонии иҷтимоӣ ба қурбониёни савдои одамон (Душанбе) ва ҷабрдидагони зӯроварӣ дар оила (Бохтар ва Кӯлоб) | 2 | 343 | 287 | -56 | 19 |
| Маркази хизмарасонии иҷтимоӣ барои шахсони дорои бемории ВНМО | 2 | 356 | 214 | -142 | 15 |
| Маркази хизмарасонии иҷтимоӣ барои шахсони мубталои бемории сил | 1 | 97 | 101 | +4 | 8 |
| Маркази хизматрасонии иҷтимоӣ барои беморони ба нигоҳубини паллиативӣ эҳтиёҷдошта | 1 | 107 | 98 | -9 | 5 |
| **ҷамъ:** | **57** | **8239** | **6401** | **-1838** | **733** |

### *1.4. Хизматрасонии тиббию иҷтимоӣ аз ҷониби МД. «Пажӯҳишгоҳи экспертизаи тиббию иҷтимоӣ ва тавонбахшии маъюбон»*

Дар соли 2025 Муассисаи давлатии «Пажӯҳишгоҳи экспертизаи тиббию иҷтимоӣ ва тавонбахшии маъюбон» фаъолияти назаррасеро анҷом додааст, ки равандҳо ва нишондиҳандаҳои он имконият медиҳанд, ба сатҳи хизматрасониҳо баҳо дода шавад.

Дар қисми клиникии муассиса дар давраи ҳисоботӣ 2663 нафар муоҷиат кардааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта (2705 нафар) 42 нафар кам мебошад. Аз ин теъдод тариқи амбулаторӣ 1333 нафар қабул шудааст ва нисбат ба соли 2024 (1360 нафар) 27 нафар кам гардидааст. Аз ҷумлаи бистаришудагон, ки 1330 нафар мебошад, 488 нафар (36 %) кӯдакони маъюб, 48 нафар (4 %) маъюбони гурӯҳи I, 226 нафар (17 %) маъюбони гурӯҳи II, 42 нафар (3,1%) маъюбони гурӯҳи III, 517 нафар (38,8%) нахустмуроҷиат ва 40 нафарро (3,0%) нафақахӯрон ташкил намуданд. Бояд қайд намуд, ки 122 нафар волидайн оид ба омӯзиши табобати тавонбахшии маъюбон дар маҳал (хона) фаро гирифта шуданд. Дар маҷмӯъ 1330 нафар бистаришудагон 19154 кат/рӯзро ташкил дода, нисбат ба ҳамин давраи соли сипаришуда (18310 кат/рӯз) 844 кат/рӯз зиёд шудааст.

**Ҷадвали 4. Хизматрасонии тиббию иҷтимоии Муассисаи давлатии «Пажӯҳишгоҳи экспертизаи тиббию иҷтимоӣ ва тавонбахшии маъюбон»**

| Бахшҳо | Шумораи Истифодабарандагони хизматҳо | | | Аз ҷумла кудакон (нафар) | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | Дар соли 2024 | Дар соли 2025 | фарқият | Дар соли 2024 | Дар соли 2025 | фарқият |
| Бахши амбулаторӣ | 1360 | 1333 | -27 | 409 | 488 | 79 |
| Бахши табобатӣ | 1345 | 1330 | -15 | 519 | 442 | -77 |
| | 2705 | **2663** | **-42** | **928** | **930** | **2** |

### *1.5. Хизматрасонии санаторию-курортӣ*

Дар давраи ҳисоботӣ барои ба мавсими навбатӣ омода намудани муассисаҳои санаторию курортии системаи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ корҳои зарурӣ анҷом дода шуда, мавсими истироҳатии навбатӣ аз моҳи майи соли равон оғоз гардидааст. Дар номгӯи муассисаҳои системаи Агентӣ як осоишгоҳ - Муассисаи давлатии «Осоишгоҳи табобатию профилактии маъюбон ва ветеранҳои ҷангу меҳнати «Харангон»-и ноҳияи Варзоб, се истироҳатгоҳҳо: Муассисаҳои давлатии «Истироҳатгоҳи табобатии собиқадорони ҷангу меҳнати «Дӯстӣ»-и ноҳияи Ҷайҳун», «Истироҳатгоҳи табобатии собиқадорони ҷангу меҳнати «Ромит»-и шаҳри Ваҳдат» ва «Истироҳатгоҳи табобатии собиқадорони ҷангу меҳнати «Биби Фотимаи Заҳро»-и ноҳияи Ишкошим бо филиалаш дар деҳаи Занинси ноҳияи Рошткалаъа ба таври мавсимӣ фаъолият менамоянд.

Барои гузаронидани мавсими истироҳатии соли ҷорӣ аз буҷети давлат 9 421 891 сомонӣ маблағ ҷудо гардидааст. Имконияти солонаи осоишгоҳу истироҳатгоҳҳои мазкур дар як басти истироҳатӣ то 315 кат/ҷойро ташкил медиҳад. Ба истироҳаткунандагони осоишгоҳу истироҳатгоҳҳои зерсохтори Агентӣ 274 нафар кормандон хизмат мерасонанд, ки аз онҳо - 33 нафар кормандони маъмурият, 9 нафар табибон, 56 нафар кормандони миёнаи тиб, 47 нафар парастор, 114 нафар - кормандони ошхона, хоҷагӣ, техникӣ ва посбон мебошанд. Дар давоми мавсими истироҳатии имсола дар умум 2594 адад роҳхатҳои ройгон ба имтёздорон пешбинӣ карда шудааст. Дар соли 2025 дар 2594 нафар имтиёздорон бо роҳхат, 480 нафар роҳбалад, 534 нафар тариқи шартномавӣ (пулакӣ) ва дар умум 3608 нафар ба истироҳату табобат фаро гирифта шуда, нисбат ба ҳамин давраи соли 2024 33 нафар зиёд мебошад.

| Номгӯйи муассисаҳо | иқти дори қабул дар як баст | Шумораи истифодабарандагони хизматҳо (нафар) | | | Шумораи умумии кормандон (нафар) |
|---|---|---|---|---|---|
| | | Дар соли 2024 | Дар соли 2025 | Фар қият | |
| МД “Истироҳатгоҳи табобатии собиқадорони ҷангу меҳнати “Ромит”-и шаҳри Ваҳдат” | 65 кат/ҷой | 868 | **1234** | +366 | 60 |
| МД “Осоишгоҳи табобатии собиқадорони ҷангу меҳнати “Харангон”-и ноҳияи Варзоб” | 100 кат/ҷой | 1353 | **828** | -525 | 82 |
| МД “Истироҳатгоҳи табобатии собиқадорони ҷангу меҳнати “Дӯстӣ”-и ноҳияи Ҷайҳун | 90 кат/ҷой | 943 | **1060** | -117 | 70 |
| МД “Истироҳатгоҳи табобатии собиқадорони ҷангу меҳнати «Биби Фотимаи Заҳро”-и ноҳияи Ишкошим бо филиалаш “Занинс” дар ноҳияи Роштқалъа | 60 кат/ҷой | 411 | **486** | +75 | 62 |
| ҷамъ: | 315 кат/ҷой | **3575** | **3608** | +33 | 274 |

### *1.6. Хизматрасонии воситаҳои техникию тавонбахшӣ ба маъюбон*

Бояд зикр намуд, ки тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2011, №604 «Дар бораи тасдиқи Қоидаҳои бо воситаҳои техникии тавонбахшӣ таъмин намудани маъюбон» аз 41 номгӯйи пешбинигардида 39 номгӯйи воситаҳои техникии тавонбахшӣ ва маҳсулоти протезию ортопедиро Корхонаи давлатии «Заводи протезию ортопедӣ»-и шаҳри Душанбе ва филиалҳояш дар шаҳрҳои Кӯлоб, Хоруғ ва Хуҷанд ба маъюбон таъмин карда истодааст. Аз он ҷумла: 24 номгӯй айни замон дар корхона истеҳсол карда мешавад ва 17 номгӯйи дигар берун аз кишвар харидорӣ карда мешавад.




Иҷрои нақшаи истеҳсолии Корхонаи давлатии «Заводи протезию ортопедӣ»-и шаҳри Душанбе дар соли 2025 – 100% иҷро гаштааст, яъне ба маблағи 10 592 867 сомонӣ маҳсулот истеҳсол карда шудааст, ки ин мутаносибан ба ҳамин давраи соли 2024 1 633 447 сомонӣ зиёд маблағгузорӣ гардидааст.

Аз ибтидои соли 2025 фаъолияти иноватсионии истеҳсолии корхона тадриҷан беҳтар гардида, чунин чораҳо амалӣ карда шуданд: хизматрасонии мобилии протезӣ, истеҳсоли мизи экоссонсорӣ, вертикализаторҳои тавонбахшӣ барои кӯдакон ва калонсолон, дастқапакҳо ва болиштҳои сабуккунанда, уребчаҳои бисёркарта истифодашаванда аз қабили онҳо ба шумор меравад. Иҷрои нақшаи истеҳсолии Корхонаи давлатии «Заводи протезию ортопедӣ»-и шаҳри Душанбе дар соли 2025 – 100% иҷро гаштааст, яъне ба маблағи 10 592 867 сомонӣ маҳсулот истеҳсол карда шудааст, ки ин мутаносибан ба ҳамин давраи соли 2024 1 633 447 сомонӣ зиёд маблағгузорӣ гардидааст.




Аз ибтидои соли 2025 фаъолияти иноватсионии истеҳсолии корхона тадриҷан беҳтар гардида, чунин чораҳо амалӣ карда шуданд: хизматрасонии мобилии протезӣ, истеҳсоли мизи экоссонсорӣ, вертикализаторҳои тавонбахшӣ барои кӯдакон ва калонсолон, дастқапакҳо ва болиштҳои сабуккунанда, уребчаҳои бисёркарта истифодашаванда аз қабили онҳо ба шумор меравад.




Маҳсулотҳои номбаршуда ба муассисаҳои ҳифзи иҷтимоӣ, аз ҷумла Маркази миллии тавонбахшӣ кӯдакони маъюби Чорбоғ, МДТ Донишкадаи такмили ихтиссоси кормандони низоми ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, МД Пажуишгоҳи экспертизаи тиббию иҷтимоӣ ва

тавонбахшии маъюбон ва дигар зерсохторҳои вазорат дастрас карда шудааст (ниг. ба




Таъмин намудани маъюбон бо роҳравак (ходунок) аз ҷониби корхона дар солҳои 2020-2025

).



Хизматрасонии мобилии протезӣ, истеҳсоли мизи экоссонсорӣ, вертикализаторҳои тавонбахшӣ барои кӯдакон ва калонсолон дар солҳои 2020-2025




Таъмин намудани маъюбон бо роҳравак (ходунок) аз ҷониби корхона дар солҳои 2020-2025

**Нишондодҳои истеҳсолӣ дар соли 2025**

| № | Номгӯи нишондодҳо | Тақсимот дар соли 2024 | Тақсимот дар соли 2025 | фарқият |
|---|---|---|---|---|
| | Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот | **8959420** | **10592867** | 1633447 |
| | Фуруши ҳаҷми истеҳсолот | **8959420** | **10592867** | 1633447 |
| | Истеҳсоли пойафзол | **4230** | **4216** | -14 |
| | Истеҳсоли протез ва ортез | **1997** | **2043** | 46 |
| | аз ҷумла: | | | |
| | - протези пой | 631 | 638 | 7 |
| | - протези даст | 48 | 50 | 2 |
| | - ортези пой | 1256 | 1303 | -47 |
| | - ортези миён | 48 | 38 | -10 |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | - истеҳсоли фиксаппарат | 14 | 12 | -2 |
| 3 | Шина «Сито» | 36 | 32 | -4 |
| 4 | Шина «Вилинский» | 336 | 32 | -304 |
| 5 | Гарданбанди ортопедӣ | 29 | 27 | -2 |
| 6 | Таъмири протез ва ортез | 1352 | 1505 | 153 |
| 7 | Истеҳсоли асо то оринҷ | 840 | 864 | 24 |
| 8 | Истеҳсоли камарбанд (чарми) | 72 | 71 | -1 |
| 9 | Истеҳсоли роҳгардак | 120 | 120 | |
| 10 | Курсӣ | 48 | 48 | |
| 11 | Маҳсулот барои нодоштан | 1202 | 1201 | |
| 12 | Болишти сабуккунанда | 16 | 2 | -14 |
| 13 | Аробачаи маъюбии хурдҳаҷм | 5 | 5 | |
| 14 | Вертикализатор барои калонсолон | 5 | 5 | |
| 15 | Вертикализатор барои кудкан | 5 | 24 | 19 |
| 16 | Дастқапак барои калонсолон | 24 | 24 | |
| 17 | Дастқапак барои кӯдакон | 24 | 16 | -8 |

Дар соли 2025 ба **9201** нафар эҳтиёҷмандон хизматрасониҳои иҷтимоӣ расонида шудааст; **аз он ҷумла:**

| **№** | **Номгӯйи маҳсулот** | **воҳиди ченак** | **ноби-ноён** | **армияи шуравӣ** | **айёми кудакӣ** | **касали-ҳои умумӣ** | **собиқа-дорони меҳнат** | **Ҷамъ** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Пойафзоли ортопедӣ | нафар | 336 | 222 | 787 | 2817 | 54 | **4216** |
| 2 | Протези пой | нафар | | 5 | 175 | 395 | 8 | **583** |
| 3 | Протези даст | нафар | - | 2 | 12 | 35 | 1 | **50** |
| 4 | Ортези пой | нафар | - | - | 756 | 34 | - | **790** |
| 5 | Фиксаппарат | Нафар | - | - | 6 | - | - | **6** |
| 6 | Ортези миён | нафар | - | - | 37 | 1 | - | **38** |
| 7 | Шина «Сито» | нафар | - | - | 32 | - | - | **32** |
| 8 | Шина «Вилинского» | нафар | - | - | 32 | - | - | **32** |
| 9 | Гарданбанди ортопедӣ | нафар | - | - | 27 | - | - | **27** |
| 10 | Таъмири протез, ортез | нафар | - | 13 | 736 | 508 | 6 | **1263** |

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 11 | Асо то оринҷ | нафар | 1 | 46 | 82 | 518 | 1 | **648** |
| 12 | Камарбанд | нафар | - | - | 65 | 6 | - | **71** |
| 13 | Роҳгардак | нафар | - | - | 120 | - | - | **120** |
| 14 | Курсӣ ва миз | нафар | - | - | 48 | - | - | **48** |
| 15 | Уребча | нафар | - | 40 | 99 | 1062 | - | **1201** |
| 16 | Аробачаи хурдҳаҷм | нафар | - | - | - | 2 | - | **2** |
| 17 | Вертикализатор | нафар | - | - | 6 | 4 | - | **10** |
| 18 | Дастқапак | нафар | - | - | 8 | 40 | - | **48** |
| 19 | Болишти сабуккунанда | нафар | - | - | 8 | 8 | - | **16** |
| | **Ҳамагӣ-9201** | **нафар** | **337** | **328** | **3036** | **5430** | **70** | **9201** |

Маҳсулоти тайёри корхона (пойафзолҳои ортопедӣ) то охири ҳар моҳ ба воситаи варақаи супоришнома ба маъюбон дода мешавад. Ба маъюбоне, ки дар маҳалҳои дур зиндагӣ мекунанд, супоришҳояшон тавассути шӯъбаҳои алоқа фиристода мешаванд.

Хизматрасонии мизоҷон бо нишондоди намуди маҳсулот, минтақа ва миқдори он дар давраи ҳисоботӣ.




| № | Номгӯи маҳсулот | Душанбе | | НТМ | | Суғд | | Хатлон | | ВМКБ | | Ҷамъ | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | наф. | мик. | наф. | мик. | наф. | мик. | наф. | мик. | наф. | мик. | наф. | миқ. |
| 1 | Пойафзоли ортопедӣ | 198 | 198 | 821 | 821 | 724 | 724 | 1595 | 1595 | 878 | 878 | **4216** | **4216** |
| 2 | Протези пой | 92 | 99 | 177 | 191 | 100 | 128 | 183 | 186 | 31 | 34 | **583** | **638** |
| 3 | Протези даст | 8 | 8 | 14 | 14 | 8 | 8 | 13 | 13 | 7 | 7 | **50** | **50** |
| 4 | Ортез пой | 143 | 239 | 238 | 385 | 57 | 99 | 330 | 545 | 22 | 35 | **790** | **1303** |
| 5 | Фиксаппарат | 5 | 10 | - | - | - | - | 1 | 2 | - | - | **6** | **12** |
| 6 | Ортези миён | 11 | 11 | 8 | 8 | 4 | 4 | 13 | 13 | 2 | 2 | **38** | **38** |
| 7 | Шина «Сито» | 12 | 12 | 10 | 10 | - | - | 10 | 10 | - | - | **32** | **32** |
| 8 | Шина «Велинский» | 14 | 14 | 7 | 7 | - | - | 11 | 11 | - | - | **32** | **32** |
| 9 | Гарданбанди ортопедӣ | 11 | 11 | 7 | 7 | - | - | 9 | 9 | - | - | **27** | **27** |
| 10 | Таъмири протез, ортез | 272 | 329 | 376 | 460 | 165 | 181 | 376 | 444 | 74 | 91 | **1263** | **1505** |
| 11 | Истеҳсоли асо то ориҷ | 57 | 112 | 310 | 394 | 12 | 19 | 180 | 249 | 89 | 90 | **648** | **864** |
| 12 | Истеҳсоли камарбанд | 22 | 22 | 22 | 22 | - | - | 26 | 26 | 1 | 1 | **71** | **71** |
| 13 | Истеҳсоли роҳгардак | 22 | 22 | 35 | 35 | 2 | 2 | 61 | 61 | - | - | **120** | **120** |
| 14 | Курсӣ ва миз | 12 | 12 | 18 | 18 | 1 | 1 | 17 | 17 | - | - | **48** | **48** |

| | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 15 | Уребча | 4 | 4 | 497 | 497 | - | - | 410 | 410 | 290 | 290 | **1201** | **1201** |
| 16 | Аробачаи хурдҳаҷм | - | - | - | - | 2 | 2 | - | - | - | - | **2** | **2** |
| 17 | Вертикализатор | 1 | 1 | 4 | 4 | - | - | 3 | 3 | 2 | 2 | **10** | **10** |
| 18 | Дастқапак | - | - | 40 | 40 | - | - | 8 | 8 | - | - | **48** | **48** |
| 19 | Болишти сабуккунанда | - | - | 12 | 12 | - | - | 4 | 4 | - | - | **16** | **16** |
| | **Ҳамагӣ:** | **831** | **1037** | **2531** | **2847** | **982** | **1070** | **3065** | **3380** | **1089** | **1121** | **9201** | **10233** |

Таҳлили маҳсулотҳои аз анбори Корхона тақсимшуда, ба мизоҷон бо нишондоди намуди маҳсулот, минтақа ва миқдори он дар соли 2025.

| **№** | **Номгуи маҳсулоҳо** | **Душанбе** | **НТМ** | **Суғд** | **Хатлон** | **ВМКБ** | **Умумӣ** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **1** | Аробачаи маъюбӣ | **169** | 323 | 264 | 722 | 85 | **1563** |
| **2** | Асо | **63** | 315 | 90 | 451 | 89 | **1008** |
| **3** | Асобағал | **29** | 131 | 30 | 184 | 22 | **406** |
| **4** | Асо барои нобиноён | **16** | 77 | 10 | 57 | 10 | **170** |
| **5** | Дастгоҳи шунавоӣ | **13** | 29 | 5 | 43 | 29 | **119** |
| **6** | Роҳгардак | **26** | 39 | 11 | 66 | 13 | **155** |
| **7** | Асо то оринҷ | **11** | 20 | - | 28 | 9 | **68** |
| **8** | Пурбин | **-** | 8 | - | 23 | - | **31** |
| **9** | Курсӣ барои ҳаммом | **5** | 11 | 1 | 21 | 3 | **41** |
| **10** | Курсӣ барои ҳоҷатхона | **7** | 4 | - | 15 | 6 | **32** |
| **11** | Телефони содиротшуда | **1** | 8 | - | 18 | 1 | **28** |
| **12** | Лавҳаи иртиботи | **-** | 5 | - | 14 | 3 | **22** |
| **13** | Дастгоҳ барои тарҷумаи субтитр | **-** | 7 | - | 10 | - | **17** |
| **14** | Лавҳаи Брайл | **1** | 2 | 15 | - | - | **18** |
| **15** | Айнак | **4** | 24 | 0 | 58 | - | **86** |
| **Ҳамагӣ** | | **345** | **1003** | **426** | **1710** | **270** | **3760** |

**Дар бораи такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ**

Фаъолияти шуъбаи таълимӣ, методӣ ва кори иҷтимоии Муассисаи давлатии таълимии «Донишкадаи такмили ихтисоси кормандони низоми ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ» мутобиқи нақшаи корӣ ба роҳ монда шуда, Низомнома, нақшаи фаъолияти шуъбаҳо ва кафедраҳо, дастурамалҳои мансабии кормандон ба Оинномаи нав мутобиқ гардонидашуда, дар Шӯрои таълимӣ ва илмию методӣ 08 январи соли 2025 баррасӣ ва тасдиқ гардидаанд. Нақша ва барномаҳои таълимӣ низ ба фаъолияти кафедраҳо мутобиқ гардонида шуданд. Дар барномаҳои таълимии Донишкада 78 мавзуъ ворид карда шуданд, ки онҳо фарогири ҳамаи самтҳои фаъолияти оинномавии Донишкада мебошанд.

Ҳамзамон, аз ҷониби кормандони Донишкада  модулҳои таълимии “Кори иҷтимоӣ бо занону кӯдакони аз минтақаи амалиётҳои ҷангӣ баргардонидашуда”, “Афсурдагии касбӣ дар кормандони иҷтимоӣ: усулҳои пешгирӣ ва бартарафнамоии он” ва “Ташкили хидматҳои дарозмуҳлат барои пиронсолон ва омӯзишӣ малакаҳои нигоҳубини касбӣ” таҳия гардида, дар барномаҳои таълимӣ ворид карда шуд.

Дар ҳамкорӣ бо Маркази иттилоотӣ ва таҳлилии низоми ҳифзи иҷтимоии аҳолии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон нақшаи тақвимии кафедраҳои таҳсилоти касбии баъдидипломии кормандони низоми ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва кафедраи кори иҷтимоӣ, инчунин, дар ҳамкорӣ бо Хадамоти давлатии экспертизаи тиббию иҷтимоии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон нақшаи тақвимии кафедраи экспертизаи тиббию иҷтимоӣ таҳия карда шуда, гурӯҳҳои шунавандагони курсҳои такмили ихтисос муайян карда шуданд.

Дар соли 2025 аз ҷониби Муассисаи давлатии таълимии «Донишкадаи такмили ихтисоси кормандони низоми ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ» 365 нафар кормандони соҳаи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ба курсҳи такмили ихтисос ҷалб гардидаанд, ки нисбат ба соли 2024 ( 280 нафар) 85 нафар зиёд мебошад.

Такмили ихтисоси ҳамшираҳое, ки дар муассисаҳои ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва тандурустӣ дар самти кори иҷтимоӣ фаъолият доранд, аз ҷониби Пажӯҳишгоҳи экспертизаи тиббию иҷтимоӣ ва тавонбахши маъюбон ба роҳ монда шудааст. Дар давраи ҳисоботи аз ҷониби ин муассиса 153 нафар ба курси такмили ихтисос фаро гирифта шуданд ва ин нишондод нисбат ба соли 2024 (116) 37 нафар зиёд мебошад Дар маҷмуъ 518 нафар аз курсҳои такмили ихтисос гузаштаанд.

Ҳамзамон ба масъалаи баланд бардоштани сатҳи донишҳои кормандони соҳа тавассути ташкили семинарҳои омӯзишӣ эътибор дода шуд.  Дар семинарҳое, ки бо ҷалби филиали Каритас Олмон дар Тоҷикистон ва Ассотсиатсияи миллии мактабҳои кори иҷтимоии Тоҷикистон аз ҷониби Муассисаи давлатии таълимии “Донишкадаи такмили ихтисоси кормандони низоми ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ”  баргузор гардиданд, 68 нафар иштирок намуданд.

Инчунин, дар доираи ҳамкориҳои дуҷониба бо ташкилоти байналмилалии World Physiotherapy бо ҷалби мутахассиси сатҳи байналмилалӣ Нихад Алмасри аз санаи 11 то 15 август семинар оид ба “Модели омӯзишии клиникӣ” дар самти баланд бардоштани савияи дониш ва малакаи касбии физиотерапевтҳо баргузор карда шуд, ки дар он 22 нафар кормандон аз муассисаҳои низоми ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва муассисаҳои тиббӣ ҷалб карда шуданд.

Бо дастгирии молиявии Хазинаи кӯдакони СММ дар якҷоягӣ бо ташкилоти Каритаси Олмон семинари омӯзишӣ рӯзҳои 15 – 16 уми сентябри соли 2025 дар мавзӯи «Пешгирии хасташавии касбии кормандони иҷтимоӣ», ки дар он 40 нафар кормандон аз муассисаҳои низоми ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ иштирок доштанд.

Бо дастгирии молиявии Хазинаи кӯдакони СММ дар якҷоягӣ бо ташкилоти ҷамъиятии «Ташаббуси ҳуқуқӣ» семинари омӯзишӣ рӯзҳои 16 – 17 уми сентябри соли 2025 дар мавзӯи «Нақши кормандони иҷтимоӣ дар адолати судӣ», ки дар он 20 нафар кормандон аз муассисаҳои низоми ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ширкат варзиданд.

Дар ҳамкории Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ассотсиатсияи миллии мактабҳои кори иҷтимоии Тоҷикистон санаи 25 сентябри соли 2025 конфронс дар мавзӯи «Саҳми кори иҷтимоӣ дар ҳифзи ҳуқуқи кӯдакони осебпазир», ки дар ҳошияи амалисозии «Барномаи давлатии барқарорсозӣ, ба ҳаёти муқаррарӣ мутобиқ намудан ва бо ҷойи кору таҳсил таъмин намудани занону

кӯдакони аз минтақаҳои амалиётҳои ҷангӣ барагардонидашуда барои солҳои 2023 - 2027» баргузор гардид, ки дар он зиёда аз 50 нафар аз вазорат, сохторҳои дахлдор, муассисаҳои таълимӣ, ташкилотҳои байналмилалӣ ва ҷамъиятӣ иштирок намуданд.

Бо мақсади омӯзонидани нозир-коргузорон дар сатҳи ҷамоатҳо аз ҷониби Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар ҳамкорӣ бо Лоиҳаи навсозии ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва ҳамгироии иқтисодӣ низ семинарҳои омӯзишӣ ташкил гардида, ба онҳо 167 нафар фаро гирифта шуданд.

Аз ҷониби Маркази иттилоотию таҳлилии низоми ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ бо мақсади дар соҳаи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ҷорӣ намудани низоми рақамикунонӣ курси омӯзишии компютерӣ барои 175 нафар кормандони низом гузаронида шуд.

Дар соли 2025 дар маҷмуъ 542 нафар кормандони соҳа семинарҳои омӯзишӣ ҷалб карда шуданд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2024 (140 нафар) 402 нафар зиёд мебошад. Дар умум соли 2025 – 950 нафар ба курсҳои такмили ихтисос ва семинарҳои омӯзишӣ фаро гирифта шуданд.

Кумакпулии давлатии барои иштирокчиён ва маъюбони ҶБВ ва шахсони ба онҳо баробаркардашуда роҳхати санаторию курортӣ, ангишт, кумакпули ба ивази роҳхат ва чиптаи имтиёзнок дар соли 2025

| № | Номгуи кумакпули | Шумора | Маблағ |
|---|---|---|---|
| 1 | Кумакпули ба ивази роҳхат ба Нафақахурон барои хизматҳои махсус дар назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | 439 | 657960 |
| 2 | Роҳхати санаторию курорти осоишгоҳои сатҳи ҷумҳуриявӣ | 284 | 657000 |
| 3 | Кумакпули ба ивази ангишт ба иштирокчиён ва маъюбони Ҷанги Бузурги Ватанӣ | 11 | 27804 |
| 4 | Кумакпули ба кӯдакони то синни 16-сола, ки гирифтори ВНМО мебошанд | 761 | 4 469 850 |
| 5 | Ҷубропулии яквақта ба шаҳрвандоне, ки бар асари фалокати неругоҳи барқии атомии Чернобил зарар дидаанд | 4358 | 17 780 359 |
| 6 | Чиптаҳои имтиёзнок барои иштирокиён ва маъюбони ҶБВ ва шахсоне, ки ба онҳо баробаркардашуд Афғонистон, Чернобил ва Нафақахурони аҳмияти ҷумҳури дошта тариқи ҳавоӣ ва роҳи оҳан | 170 | 480 000 |
| | | **6023** | **24 072 973** |

# Рақамикунонии низоми ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ

Аз ҷониби Муассисаи давлатии “Маркази иттилоотию таҳлилии низоми ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ” бо мақсади рақамикунонии соҳа, махсусан ҳисоботҳои даврӣ корҳҳои мушаххас ба иҷро расидаанд. Аз ҷумла: Ҳисоботҳои таҳлилии низоми ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ гузаронида шуда, эҳтиёҷот ба омӯзиши кормандони ташкилотҳо ва муассисаҳои низоми ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, ки ба ҷамъоварии иттилоот таҳияи ҳисоботи оморӣ 150 нафар ва нақшаи омӯзиш, модули таълими, рӯйхати омузишгирандагон муайян карда шуд. Ҳамзамон, мониторинги сифати ворид намудани маълумотҳо дар самти кумакҳои унвонии иҷтимоӣ, маъюбӣ, хизматрасонии иҷтимоӣ ва воситаҳои техникию тавонбахшӣ баргузор гардида, тренингҳо оид ба саводнокии комютерӣ ва технологияҳои иттилоотӣ барои кормандони муассисаҳои дахлдори сатҳи ҷумҳуриявӣ ва сохторҳои маҳалии ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ бо ҷалби 175 нафар доир гардиданд. Дашбордҳо ва контенти кумакҳои унвонии иҷтимоӣ ( АСИСТ) , маъюбӣ (ХДЭТИ) ва Хона-интернатҳо таҳия гардида, дар сайти вазорат ҷойгир карда шуданд.

Ҳамзамон, дар доираи Лоиҳаи Навсозии ҳифзи иҷтимоӣ ва ҳамгироии иқтисодӣ, қисмати 3: Таҳкими низоми ҳифзи иҷтимоӣ тавассути такмил додани Феҳристи миллии ҳифзи иҷтимоӣ ва гузаронидани он ба заминаи таҷдидшудаи муосир, такмили модулҳои мавҷудаи кумакҳои унвонии иҷтимоӣ, кумакҳои яквақтаи иҷтимоӣ ва экспертизаи тиббию иҷтимоӣ маъюбон, инчунин таҳия ва ҷорӣ намудани модулҳои нави иттилоотӣ оид ба хизматрасониҳои иҷтимоӣ ва хизматрасониҳои ҳамгироишудаи иҷтимоӣ иҷтимоӣ ва тиббӣ ба занон ва кудакони аъзои оилаи камбизоат.

Қобили зикр аст, ки низоми нави расонидани кумакпулии унвонии иҷтимоӣ тавассути коркарди маълумот дар системаи иттилоотӣ тадриҷан такмил дода шуда, барои таъсис додани Барномаи иттилоотии соҳавӣ ва васеъ истифода бурдани ҳукумати электронӣ замина гузошт. Модули аввалини Феҳристи миллии ҳифзи иҷтимоӣ бо номи “Системаи иттилоотии унвонии иҷтимоии Тоҷикистон” (АСИСТ) таҳия гардид, ки истифодабарандагони фаъоли он Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии 68 шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ мебошанд. Тавассути системаи иттилоотии АСИСТ ҳамаи маълумоти шаҳрвандон тариқи шабакаи интернет мустақиман ба махзани ягонаи маълумот ворид гардида, коркард карда шуда, ҳуқуқи шаҳрвандон барои гирифтани кумакпулии унвонии иҷтимоӣ муайян мегардад. Маркази электронии коркарди маълумот дар назди Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ таъсис дода шудааст, ки он амалиётҳои таъин ва пардохти кумакпулиҳои унвонии иҷтимоиро идора мекунад.

Дар заминаи ин Барнома Лоиҳаи «Навсозии ҳифзи иҷтимоӣ ва ҳамгироии иқтисодӣ»-и назди Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ бо маблағгузории Бонки умумиҷаҳонӣ соли 2024 азнавсозӣ (модернизатсияи) Барномаи мазкурро оғоз намуда, модули «Махзани маъюбон»-ро таҳия намуд, ки фаъол буда, ташаккул ёфта истодааст. Дар нақша аст, ки ҳамзамон модулҳои «Кейс менеҷмент», «Хизматрасонӣ дар хона», «Табобати санаторӣ - курортӣ», «Таъминот бо воситаҳои техникии тавонбахшӣ» ва дигар модулҳои зарурии марбут ба соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ таҳия гардида, ташаккул ёбанд.

Ҷиҳати идомаи корҳо дар ин самт ва заминагузорӣ барои рақамикунонии фаъолияти ҳамаи сохторҳои низоми ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, хусусан муассисаҳои хизматрасонии иҷтимоии соҳа дар тамоми манотиқи ҷумҳурӣ, аз ҷониби Лоиҳаи

«Навсозии ҳифзи иҷтимоӣ ва ҳамгироии иқтисодӣ»-и назди Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ бо маблағгузории Бонки умумиҷаҳонӣ соли 2025 – 520 маҷмуъ компютеру принтерҳо бо таҷҳизотҳои ёрирасони иловагӣ ва воситаи пайвастшавӣ ба шабакаи интернетӣ дастрас гардиданд.

## 5, **Хулоса**

Натиҷаҳои фаъолияти низоми ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар соли 2025 нишон медиҳанд, ки сохторҳои марбута тавонистаанд қадами муҳимро дар самти фарогирии хизматрасониҳои иҷтимоӣ ва беҳтар намудани дастрасӣ барои гурӯҳҳои осебпазир гузоранд. Бар асоси маълумоти пешниҳодшуда, тамоюлҳои асосӣ баёнгари тавсеаи хизматрасониҳо, афзоиши шумораи гирандагон, тақвияти заминаи меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва ҳамзамон мушкилоти боқимонда дар самти инфрасохтор ва самаранокии барномаҳо мебошанд.

Аввалан, сохтори институтсионалӣ дар низоми ҳифзи иҷтимоӣ шабакаи густардаеро фаро гирифтааст, ки зиёда аз 231 зерсохтор, муассиса ва хадамотро дар бар мегирад. Беш аз 4509 кормандон дар ин самт фаъолият доранд, ки қисми зиёдашон тибқи басти воҳидҳои корӣ ва боқимонда тибқи шартнома кор мекунанд. Ин шабака имконият фароҳам меорад, ки хизматрасониҳо ба таври фарогир ва то сатҳи шаҳру ноҳияҳо расонида шаванд. Бо вуҷуди ин, зарурати такмили ҳамоҳангсозӣ ва баланд бардоштани иқтидори касбии кормандон боқӣ мемонад.

Дуюм, дар соҳаи маъюбият тамоюлҳои ҷолиб мушоҳида мешаванд. Дар соли 2025 зиёда аз 35936 ҳазор нафар муроҷиат намуда, ба 34284 нафар гурӯҳи маъюбӣ муайян ё такроран тасдиқ шуд. Нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта ин рақамҳо 1521 ҳолат зиёд гардидаанд. Афзоиши муроҷиатҳои аввалиндараҷа аз ҳисоби калонсолон нишон медиҳад, ки ҳам сатҳи ташхис ва ҳам эҳтимолан паҳншавии бемориҳои модарзодӣ ва ирсӣ боло рафтааст. Ҳамзамон, коҳиши муроҷиатҳои такрорӣ метавонад ба беҳтаршавии саломатӣ ё самаранокии табобат ишора кунад. Дар байни кӯдакон низ ҳамин раванд ба назар мерасад: афзоиши муроҷиатҳои аввалин ва камшавии такрорӣ. Шумораи умумии шахсони дорои маъюбият дар кишвар ба қариб 172 538 ҳазор нафар расидааст, ки аз инҳо беш аз 35381 ҳазор кӯдаконанд. Ин рақам ба зарурати тавсеаи барномаҳои тавонбахшӣ ва хизматрасониҳои кӯдакон ишора мекунад.

Сеюм, татбиқи механизми кумакҳои унвонии иҷтимоӣ яке аз самтҳои калидӣ буд. Дар зиёда аз 220 206 хонавода аз ин навъи кумак баҳраманд гардиданд, ки иҷроиши нақшаи солонаро 98,8% ташкил медиҳад. Ҳамзамон, пардохтҳои яквақтаина ба зиёда аз 112 ҳазор оила амалӣ гардид, ки ҳаҷмашон беш аз 67 млн сомониро ташкил медиҳад. Ин дастгирӣ ба гурӯҳҳои махсусан осебпазир, аз ҷумла оилаҳои серфарзанд, оилаҳои дорои шахсони маъюб ва пиронсолон равона шудааст. Бо вуҷуди пешрафт, мушкилоти муайян дар сатҳи иҷрои пурраи нақша ва суръати пардохтҳо боқӣ мемонад, ки зарурати такмили равандҳои маъмуриро тақозо мекунад.

Чорум, хизматрасониҳои иҷтимоӣ ва тавонбахшӣ тавсеа ёфтаанд. Дар соли ҷорӣ зиёда аз 2,1 млн шаҳрванди кишвар аз хизматрасониҳо баҳраманд шудаанд, ки нисбат ба соли

гузашта қариб 1,6 млн бештар мебошад. Ин нишон медиҳад, ки сохторҳо тавонистаанд имконниятҳои худро густариш диҳанд ва ба эҳтиёҷоти гурӯҳҳои гуногун посух гӯянд. Марказҳои тавонбахшии кӯдакон дар Чорбоғ ва Балҷувон нақши муҳим бозиданд, гарчи мушкилоти инфрасохторӣ (норасоии роҳ, нотамомии сохтмон) фаъолияти онҳоро маҳдуд месозад. Ин ҳолат зарурати сармоягузории иловагӣ ба инфрасохторро тақвият медиҳад.

Панҷум, фаъолияти муассисаҳои статсионарӣ ва ғайристатсионарӣ аҳамияти зиёд дорад. Хона-интернатҳо, осоишгоҳҳо ва марказҳои хизматрасонии иҷтимоӣ барои пиронсолон ва маъюбон шароити заруриро таъмин мекунанд. Дар соли 2025 дар чунин муассисаҳо зиёда аз 1343 нафар зери нигоҳубин қарор доштанд. Бо вуҷуди ин, масъалаи бозгардонии кӯдакон ба муҳити оила ҳанӯз ҳам маҳдуд аст, ки талаб мекунад барномаҳои оиласозӣ ва нигоҳубини алтернативӣ бештар рушд дода шаванд.

Шашум, хизматрасонии воситаҳои техникию протезию-ортопедӣ пурра иҷро шудааст. Заводи протезию ортопедӣ нақшаҳои истеҳсолиро 100% иҷро карда, ҳаҷми маҳсулотро беш аз 10,5 млн сомонӣ ташкил дод. Ба ҳазорҳо маъюб воситаҳои зарурӣ, аз ҷумла пойафзоли ортопедӣ, протез, ортез ва аробачаҳо дастрас гардиданд. Илова бар ин, маҳсулоти нав ва хизматрасониҳои мобилии протезӣ роҳандозӣ шуд, ки нишондиҳандаи инноватсия ва мутобиқшавӣ ба талаботи замон мебошад.

Дар маҷмӯъ, ҳисобот нишон медиҳад, ки низоми ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар соли 2025 дар муқоиса бо соли гузашта қадамҳои назаррас гузоштааст. Фарогирӣ ва дастрасӣ васеъ шудааст, механизмҳои ҳадафманд рушд ёфтаанд, ва инфрасохтори мавҷуда нисбатан фаъол шудааст. Бо ин вуҷуд, як қатор мушкилоти асосӣ боқӣ мемонад: самаранокии табобати тавонбахшии кӯдакон, маҳдудиятҳои инфрасохторӣ дар баъзе марказҳо, иҷрои пурраи нақшаи пардохтҳои иҷтимоӣ ва зарурати таҳкими ҳамоҳангсозӣ миёни сохторҳо.

Аз ин рӯ, барои соли 2025 ва солҳои минбаъда тавсия мешавад, ки диққати махсус ба тавсеаи барномаҳои кӯдакон, такмили инфрасохтор, баланд бардоштани сифати хизматрасонӣ, тақвияти мониторинг ва баҳогузории натиҷавӣ, инчунин ҳамоҳангсозии байниидоравӣ равона карда шавад. Танҳо дар ин сурат низоми ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ метавонад ба сатҳи баландтар расида, эҳтиёҷоти рӯзафзуни гурӯҳҳои осебпазирро пурра қонеъ созад.